«Тасдиқ мекунам»:

Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор

Хушвахтзода Қ.Х.

_______________

«___» ____________ 2020

ХУЛОСАИ

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи «Таҳлили фаъолияти илмӣ-адабии Меҳдӣ Ахавони Солис» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 –адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) дар кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Муродов Ҷурабек Қурбоналиевич соли 2013 факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ-ро аз рӯйи ихтисоси Шарқшиносӣ хатм карда, соли 2014 дар кафедраи арабӣ шомили шуъбаи рӯзонаи аспирантура гардидааст.

Роҳбари илмии ӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи Эрони ДМТ Расулзода Алидод Бобо мебошад. Мавзӯи диссертатсия Муродов Ҷ.Қ. дар Шӯрои олимони факултет дар таърихи 03.04.2014 , қарори № 10 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Дар диссертатсия хотирнишон шуда, ки дар амри нимошиносӣ муҳаққиқону донишмандони зиёде пажӯҳиш кардаанд. Нақши чашмгири Нимо Юшиҷ хориҷ шудан аз чаҳорчӯби куҳани қолабиву шахшудаи шеъри классикӣ ва таҳаввули бунёдӣ дар шаклу сохтори шеъри форсӣ буд. Аксари пажӯҳандагони адабиёт дар саросари олам ӯро ҳамчун шоири соҳибмактабу соҳибсабк мешиносанд. Воқеан ӯ мактаберо бунён гузошт, ки дар парвариши насли бузурге аз шоирону адибони боистеъдоду нававар саҳми боризе дошт. Намояндагони ин мактаб

баъдан ҳар яке тавонистанд дар майдони адабиёт роҳу тариқи хоси худро пайдо намоянд, вале на ҳама аз онон ба андозаи кофӣ ба моҳияти равиши Нимо пай бурда буданд. Дар ин миён чанд нафаре аз онҳо фалсафаи кори Ниморо дарк карда, дар заминаи шеъри нав ба пешрафтҳои чашмрасе ноил омаданд ва ҷараёнҳои тозаи шеъриро ба вуҷуд оварданд. Гурӯҳе бо эҳсоси ин ки шеъри Нимо бояд маърифату шинохта шавад ба тафсиру шарҳи асосҳои он пардохтанд, зеро Нимо дар баёну изҳори матлаби худ чи назариву чи бадеӣ ағлаб душворфаҳм буд, ки сабабу заминаҳои хосе дошт. Яке аз пешгомони ин мактаб М.А.Солис мебошад, ки дар адабиётшиносии тоҷик то кунун зиндагиву фаъолияти эҷодӣ ва дидгоҳҳои илмӣ-пажӯҳишиаш ба гунаи лозим таҳқиқу баррасӣ нашудааст. Саҳму хадамоти М.А.Солис дар рушду камоли шеъри нав, идомати кори Нимо, решадор шудани ҷараёни навпардозиву навоварӣ бисёр аҳамиятнок аст. Навпардозиҳои ӯ дар бистари шеъри нав пуршуморанд, ки дар адабиёти пажӯҳишӣ бо онҳо ишорат зиёд шуда, вале аз сӯйи дигар М.А.Солис дар радифи шоирӣ корҳои илмӣ-пажӯҳишии арзишманде аз худ ба ёдгор гузошта, ки то ба имрӯз мавриди таҳқиқу баррасии дақиқ қарор нагирифтаанд. Дар диссертатсия маҳз дидгоҳҳои назарӣ-илмӣ ва адабии шоир таҳқиқ шудааст. Муҳиммияту мавзӯъ дар он зоҳир мегардад, ки барои аввалин бор назару ақидаҳои М.А.Солис дар заминаи нимошиносӣ ва мактаби Нимо дар доираи таҳқиқи алоҳида мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегирад.

Масъалаи дигари қобили зикр, шинохти М.А.Солис ҳамчун муҳаққиқи адабиёти форсӣ ба шумор меравад. Махсусан афкору ақидаҳои ӯ перомуни ҷойгоҳу эҷодиёти бузургтарин шоирони адабиёти классик Абулқосим Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём, Носири Хисрав дар рисола амиқу дақиқ баррасӣ гардидааст.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқ боз дар он зоҳир мешавад, ки омӯзишу баррасии андешаҳои илмӣ пажӯҳишии ӯ дар робита ба шеъру ҷойгоҳи

шеър дар зиндагии башарӣ метавонад дар шинохти ҷараёнҳои шеъри имрӯз муассир бошад.

Диссертатсияи мазкур метавонад аз чанд нигоҳ қобили мулоҳиза ва нав бошад. Нахустин ҷанбае, ки ба навгонии он далолат мекунад, набудани таҳқиқи ҷудогона дар мавриди дидгоҳҳои илмӣ-пажӯҳишии шоир аст. Аз сӯйи дигар дар адабиётшиносии тоҷик барои аввалин бор ҳаёт ва эҷодиёти яке аз чеҳраҳои маъруфи адабиёти муосири Эрон М.А. Солис мавриди омӯзишу таҳқиқи диссертатсияи алоҳида қарор мегирад.

Дар диссертатсия, ашъори М.А.Солис аз нигоҳи сохтору дарунмояҳои шеърӣ, ҷанбаҳои ҳамосиву ривоятӣ ва дигар хусусиятҳои поэтикӣ, гурӯҳбандӣ шуда, нақши ӯ дар заминаи инкишофу такомули шеъри муосир ва эҷоди ашъори навпардозона нишон дода шудааст.

Тозагии дигаре, ки қобили мулоҳиза аст, шинохту маърифати дидгоҳҳои илмӣ-назарӣ ва эстетикии шоир аст, ки дар мусоҳибаву нишастҳои адабӣ, мақолоти ҷудогонаи илмӣ-пажӯҳишӣ, китобҳои ҷудогона ба нашр расидаанд. Ақидаву назариёти шоир махсусан барои дарку фаҳмиши сабку вижагиҳои ҳунарии шеъри Нимо ва дар маҷмӯъ масъалаи таҷаддуду навоварӣ дар шеър ниҳоят судманданд.

Навигарии дигаре, ки лозим ба зикр аст, арзёбии осори пажӯҳишии М.А.Солис дар шинохту маърифати бузургтарин намояндагони адабиёти классик ва сабку шеваи онҳо мебошад. Бояд изҳор дошт, ки накде, ки Солис перомуни эҷодиёти шоирони муосир анҷом дода, аз шеваи кори мунаққидони касбӣ мутафовит аст.

Таҳқиқи ҳамаҷониба ва ҳадафманди дидгоҳҳои адабӣ ва эстетикӣ М.Солис барои шинохту дарки амиқи эҷодиёти шоир, муайянсозии ҷойгоҳу нақши ӯ дар инкишофи шеъри муосири Эрон мусоидат намуда ҳамзамон вижагиҳо ва қонунмандиҳои шеъри навро ошкор месозад Натиҷаҳои таҳқикро метавон зимни таълифи таърихи адабиёти муосири форсӣ ва нимаи дуюми асри XX, китобҳои таълимӣ, назарӣ, курси лексияҳо роҷеъ ба шеъри муосири Эрон истифода намуд.

Мундаричаи асосии диссертатсия дар 3 мақола дар журналҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидаи муаллифи рисола инъикос ёфтааст.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) мувофиқ аст.

Кафедраи филологияи Эрони ДМТ бо натиҷагирӣ аз диссертатсияи аспирант Муродов Ҷурабек Қурбоналиевичро кори илмии ба анҷомрасидаи муҳиму мубраме меҳисобанд, ки дар сатҳи баланди илмию тадқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 –адабиёти кишварҳои хориҷӣ (адабиёти форсӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамоянд. Иштирок доштанд: 25 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-25 нафар, «зид»-0, «бетараф»-0, қарори №4 аз 19. 06. 2019

Мудири кафедраи филологияи Эрон
д.и.ф., профессор Сафаров Умархоча Раҳимович
тел: 985786711
почтаи эл: umar_safar@mail.ru
Котиби илмӣ: Абдулҳадов Ҷумъахон Зикруллоевич

Имзои: Сафаров У.Р., Раҷабова М.Т.
ва Абдулҳадов Ҷ.З.
«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои ДМТ Тавқиев Э.Ш.